# Наврӯз фархунда бод!

**Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд**




# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ №1 (1) 19 марти соли 2013, сешанбе


## Минбари ҳуқуқшиносон муборак!

Дар арафаи фарорасии Наврӯзи хуҷастапай фазои иттилоотии кишварро боз як рӯзномаи нав васеъ гардонид. Бо заҳмату талошҳои садорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ 28.02.2013 Вазорати фарҳанги ҶТ рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос»-ро ба қайд гирифт. Нашри аввали ин рӯзномаро ба кулли ҳайати донишҷӯёну омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносӣ муборакбод мегӯем! Умед дорам, ки пайкҳои хуҷастаи Наврӯзи оламафрӯз ба ин иқдом асар карда, умри рӯзномаро бардавом нигоҳ медоранд. Зеро гузаштагони мо ба хотири фоли нек доштани рӯзҳои Наврӯзӣ ҳар гуна кори неку савобро дар ин айём оғоз менамуданд.

Мехоҳам хотирнишон созам, ки факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҳамчун яке аз факултетҳои бонуфузи ҷумҳурӣ бо баробари созмон додани рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» иҷроиши вазифаҳои худро дар якчанд бахш иҷро намудааст. Аввал ин, ки Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019, ки аз ҷониби Ҳукумати ҶТ аз 29 апрели соли 2009, № 253 қабул гардидааст, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии шаҳврандони ҷумҳуриро яке аз вазифаҳои асосии давлат эълон менамояд. Зеро бунёди ҷомеаи воқеан ҳуқуқбунёду демократӣ танҳо замоне муяссар мегардад, ки сокинони он соҳиби дониши баланди ҳуқуқӣ, фаҳмиши низом ва тартиботи ҳуқуқӣ ва хулқу атвори намунавӣ буда, дар замирашон ғояҳои ватанпарварӣ аланга занад. **Идома дар саҳ. 4.**



Манфиатҳои миллӣ ва суботу оромии ҷомеа тақозо менамоянд, ки воситаҳои ахбори оммаи ватанӣ на танҳо дастгоҳи тавонои хабарӣ бошанд, балки дар муборизаи иттилоотӣ барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ, алалхусус амнияти давлат ва ҷомеа хизмат кунанд. Зеро тавре ки аз мазмун ва моҳияти қонунгузории мамлакат оид ба васоити ахбори омма бармеояд, таъмини амнияти иттилоотӣ яке аз самтҳои асосии фаъолияти онҳо мебошад.

**Эмомалӣ Раҳмон**



Бояд гуфт, ки яке аз самтҳои муҳими стратегияи давлат ин пешрафти илму маориф аст. Донишгоҳи миллӣ яке аз бонуфузтарин донишгоҳҳои кишвар ба шумор рафта, ҳамеша таҳти назари ҳукумат қарор дорад. Аз ин нуқтаи назар, рӯи кор омадани нашрияи «Минбари ҳуқуқшинос» падидаи хуби фарҳангӣ ба шумор меравад. Устодон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносиро ба ин дастовард табрику таҳният гуфта, умеди онро дорем, ки нашрия барои пеш бурдани самтҳои пешгирифтаи давлату ҳукумат гомҳои қатъӣ мегузорад. Муваффақ бошед! **Саидов Н.С. Вазири маорифи ҶТ**




Устодон ва донишҷӯёни азизу гиромӣ, Донишгоҳи миллӣ барои мо мутахассисони соҳаи ҳуқуқ даргоҳи муқаддас аст. Ба нашр расидани газетаи «Минбари ҳуқуқшинос» дар ин даргоҳ бори дигар моро мутмаин мегардонад, ки раёсати ДМТ доим баҳри пешбурди донишу малакаи донишҷӯён ва устодони ҷавон саъю талоши худро дареғ намедорад. Мо тамоми устодон ва донишҷӯёни ДМТ-ро бо ин дастоварди муҳим табрик намуда, боварӣ дорем, ки ҳамкории бевоситаи парлумони кишвар ва ҳайати бонуфузи профессорону олимони ин даргоҳ баҳри рушду пешравии фазои ҳуқуқии кишвар мусоидат хоҳад кард. **Ватанов М. М. раиси Кумита оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсони Маҷлиси намояндагони МО ҶТ**

## Сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Австрия Ҳайнтс Фишер ба Тоҷикистон



Субҳи 13 март дар доираи барномаи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Австрия Ҳайнтс Фишер ба Тоҷикистон мулоқоти хоссаи ӯ бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва музокироти расмии сатҳи олӣ баргузор гардид.

Сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Австрия Ҳайнтс Фишер ба Тоҷикистон бо маросими истиқболи бошукӯҳ дар назди Қасри Миллат оғоз ёфт.

Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошт: «Ҷумҳурии Австрияро мо аз ҷумлаи шарикони муҳиму боэътимоди худ медонем ва ҳавасманди рушди минбаъдаи ҳамёрии созанда бо он дар арсаҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодӣ ҳастем».

Ҳайнтс Фишер ҳавасмандии Австрияро ба густариши ҳамкории гуногунҷанбаи сиёсию амниятӣ, иқтисодию сармоягузорӣ ва фарҳангӣ бо Тоҷикистон таъкид дошта, ба узвияти комилҳуқуқи Созмони ҷаҳонии савдо пазируфта шудани кишвари моро "заминаи хуб барои тавсиаи робитаҳои судбахш" маънӣ дод.

"Мавқеи ба ҳам наздик ё монанд оид ба мавзӯъҳои умдаи байналмилалӣ, ки Тоҷикистону Австрия доранд, низ заминаи хуби сиёсӣ барои густариши муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкории судбахши ду кишвар аст", - изҳор намуд Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон.

Пас аз анҷоми мулоқоту музокироти расмии сатҳи олӣ 3 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид:

- Протокол ба Протоколи Конвенсия миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Австрия оид ба канорагирӣ ва андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя;
- Созишномаи ҳамкорӣ миёни Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Палатаи федеролии тиҷоратии Ҷумҳурии Австрия;
- Ёддошти тафоҳум миёни Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Институти стандартизатсияи Ҷумҳурии Австрия. **prezident.tj**

## «Осиё экспресс» ифтитоҳ ёфт




Рӯзи 12 март дар Тоҷикистон автовокзал бо хадамоти пешрафтатарин тахти унвони «Осиё экспресс» расман ба кор оғоз кард. Дар маросими ифтитоҳи он Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ширкат намуд. Дафтари матбуоти Вазорати нақлиёти Тоҷикистон рӯзи сешанбе гуфт, ки автовокзал бо хизматрасонии муосир расман ифтитоҳ шуд ва нахустин хатти сайри автобусҳои он ба навоҳии атрофи пойтахт оғоз ёфт.

Автобусҳои ин ширкат истеҳсоли Олмон буда, ҳангоми интиқоли мусофирон ҳамроҳ бо ронанда роҳнамо низ дорад, ки барои мусофирон хидмат мерасонад. **Pressa.tj**

## Ҷашни Наврӯз



Ба муносибати таҷлили ҷашни байнулмилалии Наврӯз дар Тоҷикистон 6 рӯзи истироҳат эълон шуд.

Раиси Кумита оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсони палатаи поёнии парлумон Маҳмадалӣ Ватанов хабар дод, ки мувофиқи Қонуни ЧТ «Дар бораи рӯзҳои ид», иди Наврӯз дар Тоҷикистон аз 21 то 24-уми март ҷашн гирифта мешавад.

«Аммо агар рӯзҳои ид ба рӯзҳои истироҳат рост оянд, дар ин сурат рӯзи минбаъдаи корӣ рӯзи истироҳат эълон мешавад ва чун ду рӯзи охири таҷлили ҷашни расмии иди Наврӯз ба рӯзҳои 23 ва 24-ум (шанбе ва якшанбе) рост меоянд, мутаносибан онҳо ба рӯзҳои 25 ва 26-уми март гузаронида мешаванд», - шарҳ дод вакили парлумон.

Ҳамин тариқ, соли равон дар Тоҷикистон рӯзҳои аз 21 то 26-уми март рӯзҳои истироҳат шуморида мешаванд **(Pressa.tj)**. **Аммо донишҷӯёни ДМТ аз сабаби рӯзи шанбе дарс будан, 5 рӯз истироҳат мекунанд, яъне рӯзи сешанбе – 26-уми март дарс аст.**

## Бинои нави Вазорати корҳои хориҷӣ

Рӯзи 15-уми марти соли 2013 бо иштироки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бинои нави боҳашамати Вазорати корҳои хориҷӣ, ки аз 8 ошёна иборат аст, ифтитоҳ ёфт. Тавре зикр гардид, ин бино дар зарфи 2,5 сол бо харҷи қариб 73 миллион сомонӣ маблағҳои махсуси Вазорати корҳои хориҷӣ, аз ҷумла даромадҳои хадамоти консулӣ, бе сарфи маблағҳои буҷетӣ, бунёд ёфтааст.

## Мулоқот бо донишҷӯёни ятим

Нимаи дуюми рӯзи 15 март Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар Муассисаи давлатии Мактаби байналмилалии Президентӣ бо донишҷӯёни шаҳри Душанбе, ки аз падару модар маҳрум мондаанд, мулоқот намуда, ба онҳо кӯмаки моддӣ расонд.

Таваҷҷуҳи хоси Сарвари давлатро маҳсули ҳунарҳои литсейи саноатӣ-дӯзандагии шаҳри Душанбе, ки дар пойгоҳи омӯзишгоҳи 33-юми дӯзандагӣ таъсис ёфтааст, ба худ ҷалб намуд. Тавре маълум шуд, гулдухтарони ҳунарманди ин литсей, дар ин муассисаи таълимӣ натанҳо ҳунари дӯзандагӣ, аз ҷумла гулдӯзию зардӯзӣ меомӯзанд, балки маҳсули ҳунари волои худро ба дӯстдорони либосҳои хуштарҳи миллӣ ва ҳам анвои гуногуни либосҳои замонавӣ пешкаш менамоянд.

Сипас Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба толори калони мактаби байналмилалӣ ворид шуда, нахуст ба 360 нафар донишҷӯёни муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе, ки аз падару модар маҳрум мондаанд, кумаки моддӣ расонд.

Тавре зикр гардид, тибқи Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамаи кӯдакону наврасон ва мактаббачагону донишҷӯёни ҷумҳурӣ, ки аз падару модар маҳрум мондаанд, дар арафаи таҷлили Наврӯзи хуҷастапай аз ҳисоби Фонди захиравии Роҳбари давлат кумакҳои моддӣ расонда шуд. Шумораи умумии чунин ятимон дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ, тибқи ҳисоби масъулиони соҳа, зиёда аз 4000 нафар будааст. **prezident.tj**

## Занон ва ноболиғон ба ҷиноятҳои мухаддиротӣ камтар ҷалб шудаанд

Соли гузашта барои содир намудани ҷиноятҳои мухаддиротӣ дар кишвар 946 нафар боздошт шудаанд, ки 33 нафари онҳо занон мебошанд.

«Ин дар ҳолест, ки соли 2011 дар Тоҷикистон 60 нафар занон барои ҷиноятҳои вобаста ба маводи мухаддир ҳабс шуда буданд. 43 нафар ва ё 71,7 фоизи онҳо занони аз сисола боло ва 17 нафар ё худ 28,3 фоиз аз 18 то 30—сола буданд»- қайд намуданд аз маркази матбуоти Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ба гуфти манбаъ, тибқи омори ахиран ироашуда 39 дар сади ин ҷиноятҳо аз ҷониби сокинони шаҳри Душанбе содир шуда, 31 дар сад ҷиноятҳои вобаста ба маводи мухаддирро сокинони вилояти Суғд, 18 дар садро бошандагони вилояти Хатлон содир кардаанд. Дар ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ 9 ва дар ВМКБ 3 дар сад ин навъи ҷиноятҳо ба қайд гирифта шудаанд.

Таҳлили оморҳо нишон медиҳад, ки 68 дар сади ҷиноятҳои мухаддиротӣ аз ҷониби афроди аз сисола боло содир шудааст. Соли гузашта 299 нафар шаҳрвандони то сисола бо ин гуна ҷиноятҳо боздошт шудаанд. Ҳамчунин 1 ноболиғ низ ба ҷурми даст доштан ба муомилоти ғайриқонунии маводи

## 8 000 000 – умин шаҳрванд

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ки аз рӯи маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2010 шумораи аҳолии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон 7564,5 ҳазор нафарро ташкил дод.

Мувофиқи маълумотҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2010- ум 7522,9 ҳазор нафар ё 99,4 фоизи аҳолии ҷумҳуриро аз рӯи ҳайати миллӣ мусулмонон ташкил медиҳанд ва 41,6 ҳазор нафар ё 0,6 фоиз аз рӯи миллат намояндагони дигар динҳо (миллатҳои ғайримусулмон) мебошанд.

Аз рӯи ҳисобҳои пешакӣ ба ҳолати 5 феврали соли 2013 аҳолии ҷумҳурӣ 8 миллионро ташкил дод ва аз рӯи баҳодиҳии натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ – 7952,0 ҳазор нафар аз рӯи ҳайати миллӣ мусулмон ва 48,0 ҳазор нафар намояндагони дигар дин (ғайримусулмон) мебошанд. **stat.tj**

# Нақши эксперт дар кашфи ҳақиқат дар мурофиаи судӣ



Дар факултети ҳуқуқшиносӣ фазои ҳурмату эҳтироми байниҳамдигарии устодону шогирдон, қадршиносии меҳнати бисёрсола ва шахсияти нотакрори онҳо доимо бо баргузор намудани ҳар гуна конфронсу мизи мудаввар, суҳбатҳои хотирмон таъмин карда мешавад. Қадршиносии устодон - ҳурмату эҳтироми имрӯзу фардои мост, - мегӯяд декани факултет Э. С. Насурдинов, ки ҳақ бар ҷониби ӯст! Дар ин росто, чанде пеш бо мақсади арҷгузорӣ барои меҳнати тӯлонӣ ва бенуқсони яке аз устодони варзидаи мо, криминалист, эксперт-хатшиноси машҳур, ҳуқуқшиноси шоистаи ҶТ, Корманди шоиста З. Д. Ямоқова суҳбати хотирмоне баргузор гардида буд, ки дар он шогирдони зиёди муаллима аз назарияву амалияи ҳуқуқӣ ширкат намуда, маърӯза ва суҳбатҳои дилнишин намуданд. Яке аз чунин маърӯзаҳоро аз минбари ҳуқуқшиносон барои хонандагони гиромӣ манзур менамоем.

«Меҳмонони қадрдон ва шогирду пайвандони муаллимаи азизи ҳамаи мо, Зумрат Додоҷоновна Ямоқова! Аз баргузории чунин як ҳамоиш ба хотири қадршиносии устодамон, ки дар рӯзи ҷашни мавлудашон иттифоқ афтодааст, хушнуд гашта, муаллимаи азизамро бо ин ҳама дастовардаҳо: ҷашни рӯзи мавлудашон, чопи маҷмӯаи сершумори мақолаву китобҳо, ҳусни қаноатмандӣ аз хизмати шоиста дар тарбияи кадрҳои соҳибистеъдод, эҳсоси ифтихор аз шогирдон ва дӯстони ниҳоят зиёди қадршиносашон ва расонидани ёрии ихтисосмандона бахри барқарор намудани ҳақиқат дар бахсҳои тӯлонӣ табрику таҳният гуфта, ба Шумо муаллимаи азиз саломатии бардавом, оромию осудагӣ, хушҳолию сурур ва дар корҳои илмию омӯзгорӣ ва фаъолияти ташхисию судӣ комёбиҳои беназир таманно менамоям».

Пеш аз ибрози назар дар мавзӯи нақши устод дар муайян намудани ҳақиқат нисбат ба парвандаҳои ҷиноятӣ, дар ҳамин ҳолати эҳсоси шогирдӣ мехостам як лаҳзаеро аз ҳаёти муаллимаи азизамон, ки дар хотираам нақш бастаасту шоёни ибрат буданд, ба Шумо нақл кунам.

Ҳанӯз 28 сол аз ин муқаддам, тирамоҳи соли 1984, ки мо дар курси якум таҳсил менамудем, дар пахтачинӣ дар хоҷагии «20 партсеъзд»-и ноҳияи Ёвон дар бинои яке аз мактабҳои миёна қарор доштему дар як рӯз 12 соат дар саҳрои саҳариаш хунук, нисфирӯзиаш хеле гарм ба пахтачинӣ машғул будем. Гурӯҳи ҳамкурсони моро, собиқ прокурор Муҳаббат Табаров (рӯҳаш шод бод) роҳбарӣ менамуду, гурӯҳи дигарро корманди пешқадами Агентии мубориза ба муқобили коррупсия Бандишоев М. Он давру замон дарвоқеъ пахта мечиндем, меъёри чиниш муайян шуда буду касе, ки аз ӯҳдаи иҷрои он намебаромад, бегоҳӣ то соати дувоздаҳ-яки шаб ба тоза намудани картошка ҷалб карда мешуд ва саҳарии солеҳон - соати 6 вақти аз хоб хестан буд. Чунин реҷаи сангини кор барои ҳама пурмашаққат буда, барои донишҷӯёни нав аз мактаби миёна ва ё аз оила бори аввал дуршуда, тоқатфарсо буд. Ман ҳам аз қатори ҳамин гуна донишҷӯён будам, ки аллакай ду-се декада гузашта буду ниҳоят азияти ҷисмонӣ ва маънавӣ кашида, тоқат менамудем. Як рӯз ба ду қисмат тақсим шуда буду (то нисфирӯзӣ, баъди нисфирӯзӣ), ба назарат чунон дер мегузашт, ки гӯё ду рӯз бошад. Буданд донишҷӯёне, ки тоқат накарда аз пахтачинӣ мегурехтанд ва ба худ мушкилиҳо месохтанд. Дар яке аз чунин рӯзҳои тафсони тоқатфарсо муаллима Зумрат Додоҷоновна, ки он замон роҳбарии факултетро ба зимма доштанд, аз Душанбе ба саҳро ба наздидонишҷӯён омаданду бо онҳо чунон ҳалимона, бо ғамхории ба он кас хос муошират менамуданд, ки писарону духтарон беихтиёр яктоякто муаллимаро иҳота намуда (ҳол он ки зимни кор ҳеҷ кас ҳақ надошт аз хатак берун барояд), ба саволҳои худ ҷавоб меҷустанд. Ягон савол бе ҷавоби қаноатмандкунанда намемонд. Ба назар чунин мерасид, ки гӯё ба аёдати фарзандон модарашон омада бошад. Аз ҳамон рӯз ин ҷониб мо нисбати муаллимаи азиз меҳру муҳаббат ва эҳтироми хосса дорем.

Дар воқеъ нақши эксперт ва экспертиза дар барқарор намудани ҳақиқат нисбат ба парвандаҳои ҷиноятӣ калон аст. Чунки тамаддуни инсоният ба дараҷаи инкишофе расидааст, ки дар соҳаи илм, техника, фарҳанг ва ҳунармандӣ дониши амиқ ғун намуда, сарфи назар намудани он дар мурофиаи ҷиноятӣ бемаънӣ аст. Аз ин рӯ, ҳамкасбони мо, кормандони соҳаи тафтишоту адолати судӣ аз дастовардҳои илми криминалистика, бахусус аз донишу малакаҳои муаллимаи муҳтарам дар соҳаи техникаи криминалистӣ, васеъ истифода менамоянд. Чи гунае ки профессор Т. Шарипов қайд мекунад: - муаллима яке аз асосгузорони илми криминалистика дар ҶТ эътироф шудаанд.

Тибқи моддаи 58 КМҶҶТ «Коршинос дар ҳолатҳое даъват карда мешавад, ки барои пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ё ҳангоми муҳокимаи судии парванда ба дониши махсус дар соҳаи илм, техника, фарҳанг ё касбу ҳунар зарурат ба миён ояд». Ба сифати коршинос шахсе, ки барои пешниҳоди хулоса дониши махсус ва дар ҳолатҳои зарурӣ иҷозатномаи дахлдор дорад, даъват шуданаш мумкин аст. Муаллимаи мо аз зумраи он шахсоне мебошанд, ки дар соҳаи илми криминалистика дониши махсус дошта, ҳамчун коршиноси мустақил иҷозатнома дошта, дар соҳаи гузаронидани экспертизаи хатшиносӣ коршиноси беназиранд. Муаллима ҳамчун кадри шӯравӣ доимо кӯшиш менамоянд, ки мақоми худро аз рӯи таъинот амалӣ намуда, вазифаҳои касбии худро саривақт, дуруст ва босифат ба иҷро расонанд.

Рӯзе муаллима аз факултет баромада ба кӯчае саросемавор раҳсипор буданд. Пурсидам: - муаллима саросема куҷо рафтаниед?

- Соати 15 дар назди муфаттиши Прокуратураи генералӣ ҳозир шавам, як ду савол доштааст. Ҳисси масъулият, ҳурмати қонун ва хоксории устодро бинед, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ хулоса додаанд ва дар вақти муайяншуда ба пурсиши муфаттиш ҳозир бояд шаванд. Чунки дар ботин муаллима ҳарф ва рӯҳи қонунро мепарварад, медонад, ки қонун чунин муқаррар намудааст: «бо даъвати муфаттиш ҳозир шавад». Ман ҳамчунин аз таҷрибаи аз ҳуқуқҳои мурофиавии коршинос истифода намудани муаллима огаҳ ҳастам, ки барои додани хулосаи саҳеҳу асоснок мусоидат менамояд. Ӯ дар аксари маврид аз муфаттишон талаб менамояд, ки ҳар чӣ бештар маводи иловагӣ пешниҳод намоянд, вагарна ӯ то ҳатто аз додани хулоса даст мекашад, ин гуна ҳолатҳо низ буданд. Вале устоди мо аз меҳнат ҳеҷ вақт намеҳаросанд, доимо ҷасорати меҳнатии он кас эҳсос мешавад. Мисол, дар парвандаи ҷиноятии гурӯҳи Қосимов Р.С, ки ҳайати он аз 6 нафар иборат буда, дар муддати се сол ба қалбакӣ тайёр намудани шаҳодатнома дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва асосӣ машғул буда, онҳоро ба мардум ба маблағи то 500 долларӣ мефурӯхтанд, зимни тафтиши парвандаи ҷиноятӣ зарурияти экспертизаи хатшиносӣ ба миён омада буд. Бо сабаби мушкил ва калонҳаҷм будани ин ташхиснисбати 500 адад шаҳодатнома гузаронидани ташхис аз ҷониби идораҳои ташхисии Вазорати адлия ва ВКД ба таъхир гузошта мешуд. Аз ин рӯ, мақомоти тафтишотиро зарурият ба пеш омад, ки гузаронидани 500 ташхиси хатшиносӣ ва 500 ташхиси техникӣ, ҷамъ 1000 ташхисро ба зиммаи коршиноси мустақил, дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносӣ, муаллимаи муҳтарами мо Ямоқова З.Д. вогузор кунанд. Ҳарчанд ташхис мушкил ва калонҳаҷм буд, лекин устоди мо тавонистанд дар як муддати кӯтоҳ бо маҳорати баланди касбӣ ба мақомоти тафтишотӣ хулосаҳои асоснок ва дуруст пешниҳод намоянд. Хулосаҳои пешниҳодшуда пурра ба маводҳои парвандаи ҷиноятӣ мувофиқат мекарданд. Ҳатто айбдоршавандагон баъди шинос шудан бо хулосаҳои ташхис пурра ба гуноҳи содирнамудаи худ иқрор шуданд. Бо кӯмаки хулосаи эксперт ва дигар маводҳои парванда, дар натиҷаи тафтишоти судӣ суд ба хулоса омад, ки дар воқеъ, дар замони гузашта ҷиноятҳое, ки аз рӯи нишонаҳои он шаҳрвандон айбдор шуда буданд, ба воқеият мувофиқ будааст ва ҳақиқати воқеӣ барқарор шуда, бар асоси он онҳо ҷазо дода шуданд. Дар дигар парвандаи ҷиноятии қочоқ, сохтакории ҳуҷҷатҳои расмӣ, саркашӣ аз супоридани пардохтҳои гумрукӣ ба миқдори махсусан калон, ки аз ҷониби гурӯҳи ҷинояткорон содир шуда буд, муаллима дар як муддати кӯтоҳ 800 номгӯй ҳуҷҷатҳои гуногунро марвиди ташхис қарор дода, муқаррар намуданд, ки Холов Ш. ҳуҷҷатҳои зиёдро бо роҳи қасдан дигаргун намудани ҳусни хат сохтакорӣ намуда, ба давлат 2 млн сомонӣ зарар расонидааст. Муаллима чи дар ошкор намудани ҳодисаи ҷиноят (сохтакорӣ намудани ҳуҷҷатҳои расмӣ) ва чи дар бевосита собит намудани гуноҳи шахсони ин ҷиноятҳоро содир намуда, нақши ҳалкунанда бозиданд.

Мақсади мурофиаи ҷиноятӣ, - қайд мекунад муаллима Ямоқова З.Д., - таъмин намудани тантанаи адолат нисбати парвандаҳои ҷиноятӣ ва дастрасии комили ҳуқуқӣ мебошад.

Имрӯз муаллима аз ҳосили бадастомадаи боғи худ, яъне шогирдон меболад ва медонад, ки умри сипаригашта бархадар нарафтааст.

**Зайниддин Искандаров**
**мудири кафедраи**
**ҳуқуқи судӣ ва назорати**
**прокурорӣ, профессор**

**Идома аз саҳ. 1**

Мақола ва маводҳое, ки дар ин рӯзнома чоп хоҳанд шуд, маҳз ба такмили ҳамин сифатҳо нигаронида мешаванад. Рӯзнома, на танҳо барои донишҷӯён, балки барои доираи васеи иҷтимоӣ ба монанди кормандони мақомоти судӣ, ин самт низ таъхир накарда, нахуст маҷалаи илмии «Ҳаёти ҳуқуқӣ»-ро созмон дод. Таъсиси рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» бошад, иқдоми навбатии садорати факултети ҳуқуқшиносӣ дар бахши таҷлили арзандаи 65-умин солгарди тасъсиси ДМТ мебошад. Боиси ифтихор аст, ки



прокурорҳо, кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти амнияти миллӣ, мақомоти ҳокимияти иҷроия бахшида мешавад. Умед аст, ки кормандони бахшҳои номбурда низ маводу мақолаҳои илмию оммавии худро ба ин рӯзномаи навтаъсис ирсол медоранд ва бо ин восита мундариҷаи онро рангин мегардонанд.

Сонияи, ДМТ ҷиҳати ба таври дахлдор баргузор намудани ҷашни 65-умин солгарди таъсиси ДМТ нақша-чорабиниҳои умумидонишгоҳиро тартиб додааст. Яке аз бандҳои ин нақша-чорабиниро масъалаи таъсиси ҳар гуна рӯзнома, рӯзнома ва маҷалаҳо ташкил медиҳад. Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар иҷроиши ҳар як дастури Раёсати донишгоҳ оҷилан рафтор менамояд ва дар дар сафҳаи асосии рӯзнома ба ин санаи фархунда бахшида шудани нашри нахустини рӯзнома ишора мавҷуд мебошад.

Дар охир бори дигар ҳайати омӯзгорону донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии ДМТ-ро бахшида ба таъсиси рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» табрик ва муборакбод намуда, ба ҳайати таҳририя муваффақият ва барор орзу мекунам. Бигузор, ин рӯзнома минбари воқеии ҳуқуқшиносон бошад ва дар он ҳамеша ғояҳои озодию адолат, ҳақиқату инсондӯстӣ, поквиҷдонию беғаразӣ, талқин ва тарғиб гарданд.

**Ректори ДМТ, профессор Имомов М.**

# Минбар аз Шумост,



Хонандагони арҷманди рӯзномаи навтаъсиси «Минбари ҳуқуқшинос»! Бо шукргузорӣ аз даврони соҳибихтиёрӣ, фазои оромию субот ва осмони софу беғубори кишвари азизу маҳбубамон, дар арафаи ҷашни иди байналмилалии Наврӯзи Аҷам рӯйи нашр омадани рӯзномаи нави «Минбари ҳуқуқшинос»-ро метавон аз иқдомҳои навбатӣ дар ҷодаи ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ ва тарғибу ташвиқи масоили рӯзгори ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон пазируфт. Бо истифода аз фурсати муносиб кулли устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносиро ба ифтихору истиқболи иди бошукӯҳи Наврӯзи хуҷастапай, ки дарвоқеъ аз қуҳантарин ва маҳбубтарин ҷашнвораҳои суннатии мардуми шарифи тоҷик мебошад, самимона табрик гуфта, барояшон сиҳатмандию пирӯзӣ, саховатмандию некрӯзӣ ва хотири ҷамъу файзу баракати дастурхони наврӯзиро орзумандем. Хотирнишон бояд сохт, ки чанде қабл, ибтидои соли ҷорӣ бо заҳмату талошҳои устодони факултет ва кӯмаку дастгириҳои бевоситаи Раёсати донишгоҳ шумораи нахустини маҷаллаи илмӣ-назариявии «Ҳаёти ҳуқуқӣ» аз нашр баромад. Чун анъана аз қадимулайём барои мардуми сарзамини Тоҷикистон одат шудааст, ки дар остонаи таҷлили иди Наврӯз корҳои хайру бузургеро анҷом бидиҳанд ва ё барои иҷрои амалҳои нек дар оянда нақшаҳо тахия кунанд. Аз ин хотир, аз нашр баромадани маҷаллаи илмӣ-назариявии «Ҳаёти ҳуқуқӣ» ва рузномаи «Минбари ҳуқуқшинос»-ро дар арафаи таҷлили иди байналмиллалии Наврӯз ва 65-солагии таъсиси Донишгоҳи

# Қадамҳои навбатӣ

Дар шароити муосир ҳимояи дахлдори ҳуқуқи инсон яке аз мақсадҳои асосии давлатҳои ҷаҳон ва уҳдадории байналмилалии онҳо маҳсуб меёбад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин замина мувофиқи Конститутсия инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои онро арзиши олӣ эътироф намудааст. Баҳри пиёда намудани ин меъёри конститутсионӣ дар Тоҷикистон як қатор тадбирҳо андешида мешавад, ки ҷорӣ намудани таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон аз ҷумлаи онҳост.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ЧТ ба як қатор ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ аъзо гардидааст, ки СММ аз ҷумлаи онҳо маҳсуб меёбад. Яке аз самтҳои афзалиятноки СММ ҳифзи ҳуқуқи инсон ба ҳисоб меравад. Аз замони аъзо шудани ҶТ ба СММ то ин ҷониб ҶТ кариб тамоми талаботи ин созмонро ба ҷо оварда истодааст. Ҷорӣ намудани таълим дар соҳаи ҳуқуки инсон аз ҷумлаи талаботҳои ин созмон аст. Дар ин раванд, дар ҶТ ба хотири баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқи инсон низоми омӯзиши ҳуқуқи инсон ба роҳ монда шуд. Заминаи ҳуқуқии омӯзиши ҳуқуқи инсонро санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд, ки дар соҳаи ҳуқуқи инсон қабул шудаанд. Бояд қайд кард, ки бо мақсади таъмини омӯзиши ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон тадриҷан иқдомҳои нав ба нав андешида мешаванд.

Дар арафаи соли 2013, яъне 3-юми декабри соли 2012 бо қарори Ҳукумати ҶТ «Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020» қабул ва тасдиқ гардид.

Мувофиқи барномаи мазкур мақсадҳои асосии он инҳо мебошанд:1.баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқи инсон; 2.риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; 3. ҳамкории байни мақомоти давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; 4. ҷорӣ намудани омӯзиши фанни ҳуқуқи инсон дар системаи маориф, барномаҳои таълимии судяҳо ва низоми хизмати давлатӣ;

5. тавсеаи доираи татбиқи арзишҳо ва стандартҳои ҳуқуқи инсон бо дарназардошти иқдомҳои амалишуда дар низоми таҳсилоти миёна, махсус ва олӣ, барномаҳои таълимии судяҳо ва низоми хизмати давлатӣ;

6. таъмини принсипҳои роҳбарикунандаи қисмҳои асосии таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар низоми мaориф ва барномаҳои таълимии судяҳо ва низоми хизмати давлатӣ ва ғайра.




Инчунин, «Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020» барои системаи маориф, судяҳо, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ, хизматчиёни давлатии шаҳрвандӣ самтҳои асосиеро муайян намудааст, ки субъектони зикршуда бояд дар ин самтҳо баҳри таҳкими ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон фаъолият намоянд.

Яке аз самтҳои афзалиятноки Барномаи мазкур бо забони

миллии Тоҷикистон метавон аз дастовезҳои бузурги наврӯзӣ ва туҳфаи гаронбаҳо барои донишҷӯёну устодони донишгоҳ эътироф намуд. Боварии комил дорем, ки нашрияҳои навтаъсис дарвоқеъ дар ҷодаи тарғибу ташвиқи масъалаҳои вобаста ба рӯзгори ҳуқуқии мардум, баланд бардоштани маърифату одоби муошират донишҷӯён ва соҳибиттилоъ гардонидани ниёзмандону шавқмандон аз навгониҳои ҳаёти ҳуқуқии кишвар хизмати арзишмандеро анҷом хоҳанд дод. Мувофиқи ривоятҳои таърихӣ ва маъхазҳои нодир оғози соли навро маҳз ба фарорасии иди Наврӯз асос менамоянд. Бо назардошти ин нукта ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки чанд мужда ва тозаахбореро, ки тӯли соли сипаришуда дар ҳаёти илмиву таълимӣ ва тарбиявии факултети ҳуқуқшиносӣ ба вуқӯъ пайвастанд, манзури хонандагони мухтарами рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» гардонем.

Факултети ҳуқуқшиносӣ чун ҷузъи таркибии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон корҳои муайянеро дар самти тарбия ва омода намудани мутахассисони соҳибистеъдод, донишманд, худогоҳ ва ҳисси баланди меҳанпарастидошта анҷом дода истодааст. Ба ин маънӣ, Сарвари Давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти худ бо кормандони соҳаи маорифи кишвар равшану возеҳ баён карда буданд, ки: «Агар мо хоҳем, ки Ватанамон ободу давлатамон устувору қавӣ ва сифату сатҳи зиндагонии мардумамон пешрафта бошад, тамоми имкониятҳу захира ва саъю кӯшишамонро бояд ба тарбияи насли наврас, таълими ҷавонон ва рушди маориф, тайёр кардани кадрҳои миллӣ ва мутахассисони ба шароити иқтисоди бозорӣ ҷавобгӯ равона кунем».

Соли 2012 дар шароити таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ва бо назардошти эҳсос гаштани ниёзмандии бештар дар соҳаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба қонунгузории нақлиёт, ҳамчунин истифодаи оқилонаву мақсадноки сарватҳои табиӣ дар асоси мактуби Вазорати маорифи Тоҷикистон дар факултет кафедраи нав бо номи «ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарвтаҳои табиӣ» таъсис дода шуд. Тӯли як соли фаъолият аз ҷониби устодону кормандони кафедраи мазкур корҳои назаррасе дар ҷодаи таълиму тарбияи шогирдон, вусъати корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва рушди қонунгузории соҳа ба анҷом расонида шуд.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки соли таҳсили 2012-2013 дар факултет бо назардошти зарурати омода кардани ҳуқуқшиносон бо донистани иқтисодиёт ихтисоси нав бо номи - танзими ҳуқуқии молия ва қарз таъсис дода шуд. Айни замон таълим дар ин ихтисос аз рӯйи низоми таҳсилоти кредитӣ ба роҳ монда шуда, беш аз 30 нафар донишҷӯён ба тадрис ҷалб шудаанд. Мутахассисони ин соҳа метавонанд дар шароити иқтисоди бозорӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқии манфиатҳои иқтисодии кишвар ва шаклҳои гуногуни моликият корҳои муайянеро анҷом бидиҳанд.

Соли 2012 яке аз солҳои бобарор ва пурсамари корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ барои факултети ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб мерафт. Дар асоси фармони ректори донишгоҳ дар ин давра дар факултет беш аз 15 конфронсҳои илмӣ-назариявии сатҳи гуногун баргузор гардид. Конфронсҳо асосан ба баррасии умдатарин масъалаҳои ҳаёти ҳуқуқӣ бахшида шуда буданд. Аз натиҷаи баргузории конфронсҳо таклифу пешниҳодҳои мушаххас ба сохторҳои дахлдор ҷиҳати такмили низоми қонунгузории амлкунанда ирсол гардиданд. Зимнан бояд қайд намуд, ки соли сипаригардида аз нигоҳи дифои рисолаҳои номзадиву докторӣ, яке аз солҳои пурмаҳсултарин дар факултети ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб мерафт. Танҳо соли таҳсили 2011-2012 аз ҷониби устодон, аспирантон ва унвонҷӯёни факултет беш аз 20 рисолаҳои номзадӣ ва як рисолаи докторӣ ҳимоя гардиданд. Албатта ин нишондиҳандаро метавон яке аз дастовардҳои бузурги факултет дар замони истиқлолияти давлатӣ баҳо дод. Ҳамзамон бояд хотирнишон сохт, ки дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби ҳайати устодону кормандони факултет беш аз 350 маводи чопӣ ба нашр расонида шуд. Айни замон аз ҷониби устодони факултет навиштану аз нашр баровардани китобҳои дарсӣ ва васоитӣ таълимӣ вобаста ба кулли фанҳои таълимии ба нақша гирифта шудаанд. Боварии комил дорем, ки дар остонаи таҷлили ҷашни 65-солагии таъсиси донишгоҳи азизамон ин китобҳо рӯйи нашр хоҳанд омад. Дар баробари ин бояд арз намоям, ки аз ҷониби гурӯҳҳои корӣ ба як қатор қонунҳо ва кодексҳои амалкунанда, аз қабили Кодекси андоз, Кодекси мурофиавии гражданӣ, Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, Кодекси ҷиноятӣ ва Кодекси замини Тоҷикистон тафсирҳои илмӣ-назариявӣ навишта шуда истодаанд.

Соли таҳсили 2013-2014 дар факултет бо назардошти эҳсос гаштани нарасидани кадрҳои соҳаи ташхиси криминалистӣ дар самти ошкор намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, ба таври лозима истифода накардани донишҳои махсус дар соҳаи илм ва техникаи муосир, таъсиси ихтисоси алоҳида дар бобати омода намудани мутахассисони соҳаи экспертизаи криминалистӣ ба роҳ монда шудааст. Гузашта аз ин бо қарори Шӯрои олимони донишгоҳ низ таъсиси ихтисоси дигар бо номи "ҳифзи ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ" ба миён гузошта шудааст.

Меҳоҳам хонандагони азизро ба он бовар созам, ки аз натиҷаи дастовардҳои факултет вобаста ба ҳаёти таълимӣ, илмӣ ва тарбиявӣ дар шумораҳои оянда рӯзнома ахбор манзур хоҳад шуд. Аз ин рӯ, бори дигар таъсиси рӯзномаи "Минбари ҳуқуқшинос"-ро барои шогирдону устодони факултет ва аҳли эҷоду қалам табрик намуда, орзуманди онам, ки рӯзнома дарвоқеъ ба минбари асосии баёни афкори созандаву пешқадам, тарғибу ташвиқи ғояҳои инсондӯстиву накӯкорӣ ва адолату ҳақиқат мубаддал гардад.

**Насурдинов Э.С. дотсент,**
**декани факултети**
**ҳуқуқшиносӣ**

## устодон ва донишҷӯёни азиз!

## баҳри омӯзиши ҳуқуқи инсон

давлатӣ таҳия ва нашри фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи инсон мебошад, ки дар қисми 3, зерқисми 2, банди «й» Барнома дарҷ гардидааст. Қайд кардан бамаврид аст, баъди қабули «Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020» устодони кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ зери таҳрири декани факултети ҳуқуқшиносӣ, дотсент Насурдинов Э.С. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи инсонро бо забони давлатӣ таҳия ва нашр намуданд. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи инсон нахустин кӯшиши дар сатҳи илмӣ ва илмӣ-оммавӣ шарҳ додани истилоҳоти ҳуқуқии соҳавии ҳуқуқи инсон мебошад. Дар фарҳанги мазкур ба мазмуни зиёда аз 350 истилоҳи ҳуқуқии марбут ба ҳуқуқи инсон равшанӣ андохта шудааст, ки аз иқдомҳои навбатӣ баҳри омӯзиши ҳуқуқи инсон маҳсуб меёбад.

Аз замони таъсиси кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ (12.09.2006с.) то инҷониб кафедра ба дастовардҳои бузурге ноил гардид. Дар сатҳи таъмини иҷроиши Барномаҳои ҳукуматӣ устодони кафедра иштироки фаъолона доранд. Чунончи, мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ Сафаров Б.А. дар ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравии «Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020» муовини раиси Шӯрои ҳамоҳангсози байниидоравии барномаи мазкур интихоб карда шуд.

Инчунин, дар қисми 6, зерқисми 13, банди «в» «Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020» чунин омадааст: «Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории зичро бо... кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон… ба роҳ мемонад». Яъне дар сатҳи барномаи ҳукуматӣ ҷой доштани номи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, аллакай аз дастовардҳои кафедра маҳсуб ёфта, иқдоми хубест баҳри ҳамкории мақомоти давлатӣ дар соҳаи омӯзиши ҳуқуқи инсон. Иқдоми дигари кафедра баҳри омӯзиши ҳуқуқи инсон ин таҳия ва нашри васоити таълимии «Ҳуқуқи инсон дар нақшаҳо» мебошад. Васоити таълимии мазкур зери муаллифии Сафаров Б.А., Сафаров Д.С., Миралиев И.Қ., Саидов И.И. ба дасти чоп расид. Дар он дар шакли содда ва хондანибоб мафҳуму категорияҳои ҳуқуқи инсон дар нақшаҳои зебо ҷойгир шудаанд, ки диққати хонандаро ба худ ҷалб менамоянд.

Аз ҷониби устодони кафедра тамоми дастовардҳои илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ мавриди омӯзиш қарор дода мешавад. Бояд қайд намуд, ки таъсиси рӯзномаи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бо номи «Минбари ҳуқуқшинос» низ барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқи инсон воситаи хуб хоҳад шуд.

Аз ин рӯ, таъсиси рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос»-ро барои устодони факултети ҳуқуқшиносӣ, донишҷӯён ва умуман аҳли ҳуқуқшиносони кишвар табрик мегуем. Итминони комил дорем, ки «Минбари ҳуқуқшинос» минбари воқеии ҳуқуқшиносон мегардад.

**Бахтовар Сафаров**
**мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, дотсент**

**Ҷаҳонгир Саъдизода**
**ассистенти кафедра**

# Манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо узвият ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо



Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 марти соли 2013 узви комилҳуқуқи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо гардид.

Барои аъзо шудан ба СУС Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб 12 сол ва 8 марҳилаи гуфтушунидро сипарӣ намуд. Дархост оид ба аъзо шудан ба СУС аз ҷониби Тоҷикистон 29 майи соли 2001 пешниҳод гардидааст ва гуфтушунид сари ин масъала аз ҷониби ду тараф 26-уми октябри соли 2012 ба поён расид. Соли 2010 ба Тоҷикистон статуси давлати мушоҳидакунанда дода шуда буд. 10 декабри соли 2012 дар шаҳри Женеваи Конфедератсияи Швейтсария Санад оид ба ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС аз ҷониби Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва мудири кулли СУС Паскал Ламӣ ба имзо расид. 9 январи соли 2013 аз ҷониби Парлумони кишвар ин Санад тасдиқ карда шуд. 4 феврали соли 2013 намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон варақаи (грамотаи) тасдиқ намудани Санади ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба СУС аз ҷониби Парлумони кишвар ба дафтардории ин созмон дар шаҳри Женева супорид. Ҳамин тариқ, Тоҷикистон дар Осиёи миёна дуюмин кишвари узви комилҳуқуқи СУС баъд аз Ҷумҳурии Қирғизистон (соли 1998) гардид. Дар муҳлати қариб 12 сол аз ҷониби Тоҷикистон барои мутобиқ намудани қонунгузории худ ба санадҳои байналмилалӣ тақрибан 80 санади меъёрию ҳуқуқӣ қабул гардида, ба 100 санад тағйиру иловаҳо дохид карда шуд.

Саволе дода мешавад, ки аз узвият ба СУС Тоҷикистон чӣ манфиат ба даст меорад?

Бартарияти низоми СУС дар он аст, ки қариб тамоми кишварҳои бузурги тиҷоратӣ узви ин созмон мебошанд. Ба ғайр аз фоидаи тозаи иқтисодӣ, ки бо роҳи кам кардани монеаҳои мубодилаи озоди мол ноил мегарданд, ин низом ба ҳолати сиёсӣ ва иҷтимоии кишварҳои аъзо, беҳбудии вазъи шаҳрвандони алоҳида таъсир мерасонад. Давлат аз аъзо шудан ба СУС дар самтҳои зайл манфиатдор мегардад: а) интихоби васеътари маҳсулот ва хизматрасониҳо барои истеъмолкунандагон; б) баланд бардоштани иқтисодиёти давлат; в) боло бардоштани шуғл; г) баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ; ғ) самаранокии ҳалли баҳсҳо; д) устувор намудани ҳамкории байнидавлатҳо.

Паст кардани арзиши рӯзгузаронӣ барои истеъмолкунандагон - ин паст кардани хароҷоти иловагӣ аз ҳисоби монеаҳои протексионии тиҷоратӣ аст. Дар давоми 50 соли мавҷудияти созмон 8 марҳилаи гуфтушунид гузаронида шуд ва дар айни ҳол монеаҳои савдоӣ дар тамоми ҷаҳон аз давраҳои гузашта дида пасттар шудааст. Дар натиҷаи паст кардани монеаҳои савдоӣ на танҳо маҳсулотҳову хизматрасониҳои тайёри воридшаванда, балки маҳсулотҳои ватанӣ, ки дар истеҳсолоташон муҷаҳҳазоти воридотиро истифода мекунанд, арзон шуда истодааст.

Татбиқ намудани принсипҳои СУС имконияти баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодии берунаи давлатро пеш аз ҳама, аз ҳисоби осон намудани низоми боҷҳои гумрукӣ ва дигар монеаҳои савдоӣ фароҳам меорад. Пешгӯӣ ва шаффоф будани иқтисод шариконро ҷалб намуда, муомилоти молро баланд мебардорад. Ҷараёни баробарҳуқуқӣ, шаффофият, муяйяни шартҳои савдо ва оддӣ будани онҳо имконияти паст кардани харҷи ширкатҳо, мувофиқсозии фаъолияти онҳо ва бунёди иқлими хубу мувофиқро барои савдо ва сармоягузорӣ фароҳам меорад. Дар навбати худ, ҷалби сармоя ба мамлакат, аз ҷумла дар намуди сармояи бевоситаи хориҷӣ, ҷойҳои нави кории иловагӣ бунёд мекунад ва беҳбудии аҳолиро баланд мебардорад.

Низоми СУС имконияти ҳамаи иштирокчиёнро баробар мекунад, ҳуқуқи овоздиҳиро ба мамлакатҳои на он қадар бузург дастрас мекунад, бо ҳамин роҳ ҳукмронии давлатҳои бузургро маҳдуд менамояд. Зиёда аз ин давлатҳои хурд ба Созмон аъзо шуда, метавонанд дастовардҳои бузургро дар гуфтушунидҳо ба даст оранд. Дар ҳамин вақт давлатҳои бузург-иштирокчиён аз зарурати гузарондани гуфтушунидҳо оиди созишномаҳои савдоӣ бо ҳар як шарикони савдоӣ озод карда мешаванд, зеро мувофиқи принсипи баробарҳуқуқӣ уҳдадориҳои дар рафти гуфтушунидҳо ба даст овардашуда ба ҳамаи иштирокчиёни СУС паҳн мегардад.

Пас аз ҷанг кишварҳои савдокунанда дар рафти гуфтушунидҳо қоидаҳои савдоро мувофиқа карданд, ки ҳозир дар доираи СУС амал мекунанд. Онҳо уҳдадории дар СУС баррасӣ намудани баҳс ва татбиқ накардани амалҳои яктарафаро мегиранд. Ҳар як баҳси дар СУС баррасишаванда пеш аз ҳама дар асоси меъёр ва қоидаҳои амалкунанда ҳаллу фасл карда мешаванд. Созишномаҳои СУС нақши асосиро барои қабули қарори мушаххас муҳайё месозанд. Баъди қабули қарор кишварҳо фаъолияти худро мувофиқи меъёр ва қоидаҳо ба роҳ мемонанд. Аз лаҳзаи созмон додани СУС дар соли 1955 қариб 200 баҳс ба баррасии он дода шуд.

Воридшавӣ ба ин созмони бошукӯҳ ҳам ба манфиати давлат ва ҳам ба манфиати халқ мебошад.

**Дониёр Сангинов**
**мудири кафераи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат**

# Мушкили муҳоҷирон – надонистани қонун ва забон!

Имрӯз кишвареро пайдо кардан муҳол аст, ки дар муҳоҷирати байналхалкии меҳнатӣ иштирок накунад. Зеро имрӯз муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз қисматҳои муҳими рушди ҷаҳонишавӣ маҳсуб меёбад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳоҷирати меҳнатӣ бар асари ноустувории вазъи сиёсӣ ва иктисодии солҳои 90-уми қарни XX ба вуҷуд омад. Тайи чанд соли охир ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа боз ҳам авҷ гирифт. Имрӯз вазъи иҷтимоию иқтисодии кишварро бе муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа тасаввур кардан ғайриимкон аст. Айни хол муҳоҷирати меҳнатӣ ба хорича омиле мебошад, ки ба низоми таъмини зиндагии аксари оилаҳои Тоҷикистон таъсири калон мерасонад. Таҳлили маълумотҳои оморӣ нишон медиҳад, ки дар Тоҷикистон суръати рушди аҳолии қобили меҳнат нисбат ба рушди кувваи корӣ афзудааст. Имрӯз муҳоҷирати меҳнатӣ дар Тоҷикистон яке аз шохаҳои асосии иқтисодӣ дар таъмини аҳолӣ ва яке аз мушкилоти мубрами рӯз маҳсуб меёбад. Интиқоли маблағи муҳоҷирони корӣ манбаи асосии даромади аҳолӣ ва низоми иқтисодиёти кишвар мебошад. Чунончи, соли 2009 маблағи интиқоли муҳоҷирони меҳнатӣ 2,5 млрд. долл. амрикоиро ташкил намуд. Дар тӯли қариб 20 соле, ки муҳоҷирони тоҷик рӯ ба кишварҳои дигар барои дарёфти моддиёту қонеъ гардонидани талаботи иқтисодию иҷтимоии хеш овардаанд, то ба ҳол мушкилоти зиёдеро ба бар доранд. Аз як тараф ин дуруст надонистани забону ҳуқуқҳои хеш ва аз тарафи дигар надоштани ихтисосҳои ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат. Натиҷа он аст, ки аксари муҳоҷирони корӣ ба мушкилот дучор мегарданд. Омилҳои ин мавҷуд набудани сохтори муайяну воҳиде дар бораи муҳоҷирон мебошад, ки паҳлуҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии онҳоро дар бар гиранд.

Бояд тазаккур дод, ки дар давоми ин солҳо чандин раёсат ва хадамотҳои мухталиф ташкил шуданд. Сараввал, Хадамоти давлатии муҳоҷирати Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли 2007 Хадамоти муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуд. Аммо тавре ки мушоҳида мешавад бо вуҷуди чандин тағйирот ва кӯшишҳои ин хадамот мушкилиҳои зиёде дар ин соҳа вуҷуд дорад. Зеро ҳамасола теъдоди зиёди корҷӯёни тоҷик аз кишварҳои кордеҳ, бахусус аз Федератсияи Россия барои фаъолияти ғайриқонунӣ ихроҷ ё худ радди марз карда мешаванд. Ин ҳолати сангини муҳоҷирин дар ин кишвар борҳо таъкид гардид, ки аксари онҳо аз тамоми ҳуқуқҳои инсонӣ маҳрум буданд. Масъалаи дигаре, ки боиси нигаронӣ мебошад, дар он аст, ки муҳоҷирони меҳнатӣ баъди чандин соли азобу меҳнат, ки қобилияти кории худро аз даст медиҳанд ё дар сурати ягон ҳодисаи нохуш наметавонанд дигар кор кунанд, бо надоштани дафтарчаи меҳнатӣ аз нафақа ва дигар имтиёзҳо маҳруманд. Бояд қайд кард, ки дар ҷаҳон кишварҳое ҳастанд, ки даромади асосии аҳолии онҳо ин муҳоҷират мебошад. Ба он метавон таҷрибаи 40-солаи кишвари Филиппинро мисол овард. Лозим ба ёдоварист, ки ба роҳ мондани шакли дурусти кор бо муҳоҷирон дар Филиппин то 600 млрд. евроро дар як сол ташкил менамояд. Ҳар як муҳоҷири меҳнатие, ки барои кор кардан ба хориҷи кишвар сафар менамояд, барои суғуртаи хеш дар фонди муҳоҷират ба маблағи 25 евро пардохт менамояд, ки дар ҳолати садама ё ин ки буҳрон метавонад оилаи муҳоҷирро ҳимоя намояд.

Мушкилоти рӯзафзуни масоили муҳоҷирони тоҷик Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро водор сохт, то дар сохтори хеш таҷдиди назар намояд. Бо чунин назардошт 21 январи соли 2011 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Ташкили чунин ниҳод

далели таваҷҷуҳи Ҳукумат ба муҳоҷирони корӣ мебошад. Хадамоти мазкур дар заминаи сохторҳо оид ба муҳоҷирати меҳнатии Хадамоти муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати ин вазорат ташкил дода шудааст. Азбаски кишвари мо - Тоҷикистон аслан содиркунандаи нерӯи корӣ мебошад, бинобар ин ниҳоди нав дар бахши муҳоҷират дар мавриди танзими раванди муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин масоили ҷойдошта таваҷҷуҳ намуд.

Якум, намояндагиҳое, ки аз ҷониби сохтор дар кишварҳои хориҷа амал менамоянд, бояд бозорҳои меҳнатии он кишварҳоро омӯзад. Дар асоси талаботи бозори ҳамон кишвар муҳоҷирони меҳнатиро тайёр намоянд, ҷойҳои холиро пайдо кунад ва барои бастани шартнома байни кишварҳои кордеҳ ва намояндагони миёнарави дохилӣ мусоидат намояд. Аксар вакт, бинобар надоштани иттилоот аз шароити воқеии зисту кор дар кишвари кордеҳ муҳоҷирони меҳнатӣ ба мушкилот мувоҷеҳ мешаванд.

Дуввум, бояд дар дохили ҷумҳурӣ пойгоҳи махсус барои бо таълим фаро гирифтани корҷӯён ташкил карда шавад. Яъне, сухан дар хусуси таъсиси таълимгоҳи махсуси касбии муҳоҷирони меҳнатӣ барои омода сохтани муҳоҷирони соҳибтахассус меравад. Муҳоҷирони меҳнатӣ бояд дар асоси талаботи имрӯзаи кишварҳои корфармо ба омӯзиш фаро гирифта шаванд.

Сеюм, мо на танҳо ба Россия, балки ба дигар кишварҳо бояд интиқоли муҳоҷирати меҳнатиро ба роҳ монем. Дар ин ҷо бояд таҷрибаи дигар кишварҳоро ба назар гирем. Чунончи, баъди бухрони солҳои 1975 дар Аврупо беш аз сесад хазор муҳоҷирини туркиро аз кишвари Олмон хориҷ намуданд. Вале аз лиҳози он ки аксари онҳо дар тӯли даҳ сол тавонистанд мутахассиси хуб шаванд, баъди солҳои 70 бозори кишварҳои Шарки Наздик ва дигар кишварҳоро аз худ намуданд.

Чорум, инро бояд таъкид намуд, ки донистани забон ва омӯзонидани он барои муҳоҷири меҳнатӣ муҳим ва ҳатмист. Зеро яке аз мушкилоти муҳоҷирини меҳнатӣ, ки дар кишварҳои кордеҳ рӯ ба рӯ мегарданд, ин ба қадри кофӣ надонистани забон аст. Дар сурати донистани забон ва воқиф будан бо кишвари корфармо муҳоҷири меҳнатӣ метавонад осониеро барои худ фароҳам оварад.

**Қодиркулов Х.Р.**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ**

# Озодии виҷдон ва эътиқод



Эълом доштани озодии виҷдон ва эътиқодро аз ҷумлаи музаффариятҳои муҳимтарини инсоният медонанд. Касе ҳақ надорад касеро ба пайравии дине маҷбур созад ва ё аз пайравии оине маҳрум кунад. Мазмуни ҳамин арзиши олӣ дар китобҳои муқаддас ва сарчашмаҳои муътамади динҳои ҷаҳонӣ таъкид шудааст. Масалан, дар Қуръони маҷид омадааст, ки «Дар дин иҷборе нест». Гузашта аз ин, татбиқи бевоситаи ин меъёрро дар ҷумҳурӣ мавҷудияти бештар аз се ҳазор масҷидҳои мусулмонон ва 86 ташкилотҳои динӣ ва пайравони дину мазоҳиби мухталиф тасдиқ мекунад.

Ҳамчунин бояд қайд кард, ки даъват ва ё тарғиби гаравидан ба дин дар шаклҳои сабук ва дар доираи берун аз одамони эътиқодманд озод аст, вале он набояд ба омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сатҳи пасти зиндагӣ, гумроҳнамоӣ ва дигар усулҳои ғайриоқилона такя намояд. Даъват дар шакли таҳқир намудани оини дигар, нодуруст нишон додани эътиқоди динӣ ва ҷараёнҳои гуногун манъ аст. Касе ҳақ надорад дурустӣ ва ё нодурустии ҷаҳонбинии дини дигарро баррасӣ намуда, ба қадру манзалат ва шахсияти пайравони он иснод биёрад. Диндорӣ ва эътиқодмандӣ кори шахсии ҳар инсон аст.

Дар Тоҷикистон соли бузурдошти Имоми Аъзам эълон намудани соли 2009 ва нишон додани пайравии мардуми Тоҷикистон ба ин мазҳаб хилофи Конститутсия ва озодии эътиқод нест. Зеро гиромидошту бузурдошти ин шахсияти бемисл танҳо ба хотири андешаҳои ақидатӣ ва динию мазҳабии ӯ нест. Пеш аз ҳама, Абӯҳанифа фарзанди миллати тоҷик аст. Дигар ин ки вай дар нигоҳ доштани асолати фарҳанги мо хизматҳои шоиста кардааст. Сеюм ин ки нақши ӯ дар такмили илми ҳуқуқшиносии ақлӣ бениҳоят бузург аст. Ин далелҳо басанда аст, ки шахсияти ӯ ҳамчун фарзанди фарзонаи миллат қадршиносӣ гардад. Илова бар ин, нақши мазҳаби ӯ дар таҳаммулгароӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо бениҳоят бузург аст. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло ва пайрави ҳамин мазҳаб будани аксари шаҳрвандони кишвар гиромидошти асосгузори он бо ягон талаботи озодии виҷдон зиддият надорад.

Ҳамчунин, кишваре, ки аксари шаҳрвандонаш пайрави як мазҳаб ва ё оине ҳастанд, ки он дар таърих ба манфиати миллат, оромии кишвар ва ягонагии рушди бомароми он хизмат кардааст, ҳуқуқи пос доштани хотираи асосгузори мазҳабро дорад. Мисол, Кумитаи СММ оид ба ҳуқуқи инсон дар маънидодкунии талаботи моддаи 18 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ изҳор менамояд, ки эътироф намудани ягон дин ба сифати дини расмӣ ва ё давлатӣ худ ба худ мухолифи талаботи моддаи 18 нест. Аммо чунин эътирофнамоӣ набояд ба ҳуқуқҳои дар Паймон муқарраршуда, аз ҷумла дар моддаҳои 18 ва 27 пешбинишуда зарар расонад.

Аз ин нуқтаи назар, дар қисмати муқаддимавӣ, яъне дебочаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» дарҷ гардидани «…эътирофи нақши махсуси мазҳаби ҳанафия дини ислом дар инкишофи фарҳанги миллӣ ва ҳаёти маънавии халқи Тоҷикистон» ба талаботи озодии виҷдон ва паймонҳои байналмилалии эътирофкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон гуна зиддият надорад

Мутобиқи моддаи 26-уми Конститутсия шахс ҳақ дорад дар маросим ва расму оинҳои динӣ иштирок намояд.

Ҳангоми танҳо амалӣ намудани ҳуқуқи озодии эътиқод ё риояи маросими динӣ шахс ба манфиат ва ҳуқуқу озодии касе зарар намерасонад. Шахс дар чунин ҳолат дорои озодии нисбатан васеъ мебошад. Аммо дар ҳолати дастаҷамъона ба ҷо овардани эътиқоди динӣ ба замми маҳдудиятҳои дохилидинӣ боз маҳдудиятҳои ҷамъиятӣ ва умумӣ пайдо мешаванд. Масалан, ҳангоми маросими намозгузорӣ аз ҷониби пайравони мазҳабҳои мухталиф беҳтар он аст, ки ба мазҳаби имом пайравӣ намоянд, дар чунин сурат эҳтироми қавм ба оинномаи ташкилоти динӣ риоя мегардад. Аммо, мутаассифона, гоҳо мешавад, ки қавми хурди пайрави ақидаи нав якҷоя бо қавми бузург намоз гузошта, ҷаҳонбинии динии худро болотар мегузоранд. Ин боиси вайрон шудани ҳуқуқу озодиҳои дигарон мегардад. Бояд қайд кард, ки усули паҳн намудани чунин ҷараёнҳои нав бо роҳи дастгирии молию пулӣ ва сӯиистифода намудан аз сатҳи пасти камбизоатии аҳолӣ мутлақо зидди талаботи Конститутсия ва қонунҳои амалкунанда буда, чунин таблиғ ва усул ба тавассути меъёрҳои ҳуқуқии дохилидавлатӣ ва байналмилалӣ манъ шудааст. Аз ин сабаб, мутобиқи қисми 3 моддаи 14 Конститутсия зарурати маҳдуд намудани амали ҷараёнҳои навбаромади динӣ пайдо мегардад. Дар чунин сурат мақомоти назоратӣ ва ҳам шаҳрвандоне, ки шакли ифодаёбии эътиқоди динии онҳо поймол мешавад, ҳуқуқи муроҷиат кардан ба мақомоти дахлдорро пайдо мекунанд.

**Сафаралиев Далер**
**донишҷӯи соли 1-ум**

# ТОҶИКИСТОН ВАТАНИ НАВРӮЗ АСТ !



Наврӯз ҷашни муқаддас ва яке аз суннатҳои қадимтарини мардуми тоҷик мебошад, ки решааш аз фарҳанги пурбори ориёӣ об меҳӯрад ва меҳри он дар қалби мардум маъво дорад. Таҷлили иди муқаддаси ниёгонамон Наврӯзи оламафрӯз дар Тоҷикистони мо пуршукӯҳ асту шаҳомати хоса дорад.

Дар арафаи Наврӯзи хуҷастапай мо тоҷикон, аҳли зиёи кишвар ва кулли тоҷикони бурунмарзӣ тасмим гирифтем, ки ин ҷашнии бузургро бо тантана пешвоз гирем. Хирадмандони мо Наврӯзро аз қаъри асрҳо то ба имрӯз поянда доштанд ва чун машъали фурӯзон аз насл ба насл таҳвил намуданд. Дар таърихи фарҳанги мардуми тоҷик ҳеҷ як анъана ва расму оине чун ҷашни фархундаи Наврӯз азизу арҷманд нест.

Наврӯз – эҳёи нуру зиё, файзу баракат ва фаровонӣ аст. Ин расми қадим орзуи мардумро аз оянда неку фархунда ва бофайзу бобаракатшавии корҳо бозгӯ мекунад.

Наврӯзи Фарвардин 21-уми март дар баробаршавии шабу рӯз қайд карда мешавад ва маънои рӯзи нав медиҳад. Рӯзҳои ҷашни Наврӯзӣ мардуми Тоҷикистони азизро дар атрофии ҳафт калимае, ки бо ҳарфи «ҳам» навишта мешавад муттаҳид месозад:

ҳамдилӣ, ҳамбастагӣ, ҳамраъйӣ, ҳамдастӣ, ҳамроҳӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамфикрӣ.

Маҳз бо ҳамин нияту орзуҳо иди Наврӯз дар Тоҷикистон 6 рӯз таҷлил мегардад.

Бояд гуфт, ки «суманак» чун хӯроки баҳорӣ бо тамъи ширинаш машҳур аст. Мегӯянд нумӯи сабзаи суманак аз соли фаровонӣ шаҳодат медиҳад.

Бигзор дар ақсои олам аз қудуми неки Наврӯз ҷаҳониён бахравар гарданд.

**Каримова Парвона**
**донишҷӯи соли 1-ум**

# Наврӯз – шиносномаи миллат



Наврӯз яке аз қадимтарин ҷашнҳои миллии мардуми ориёинажод махсуб мегардад, ки он ҳар сол на танҳо дар сарзамини мо балки дар бештар давлатҳои Осиёи Миёна бо шукуҳу шаҳомати хос ҷашн гирифта мешавад. Наврӯз идест, ки моро ба таърихи куҳнаи аҷдодонамон мепайвандад. Тӯли асрҳо аст, ки Наврӯз асолати хешро нигоҳ дошта, бо рангу таровати тоза арзи ҳастӣ мекунад.

Наврӯз бузургтарин ҷашни миллии мо мебошад, ки бо нахустин рӯз аз нахустин моҳи соли хуршедӣ ( фарвардин ) дар баҳорон, он гоҳ, ки офтоб ба бурҷи ҳамал интиқол меёбад ва рӯзу шаб баробар мегардад, оғоз мешавад. Ҳазорҳо сол боз оташи Наврӯз дар кӯҳу ҳомун, дар шаҳристону рустоҳо, дар хиёбону хонаҳо фурӯзон аст. Садсолаҳост, ки мардум ҳамдигарро ба ин ҷашн шодбош мегӯянд ва орзуи хушбахтиву комёбӣ мекунанд. Наврӯз тақрибан беш аз 6000 сол пеш бо инкишофи деҳқонӣ пайдо шуда, минбаъд такмил ва ривоҷ ёфтааст. Ривояте ҳаст, ки Наврӯз дар аҳди давлатдории Ҳахоманишиён ба ҳукми анъана даромад ва ба иди расмии орийӣ табдил ёфтааст.

Дар ёдгориҳои аҷдодони асолати таърихи доштаамон омадааст, ки нахустин кас, ки Наврӯзро бунёд намудааст, Ҷамшед буд.

Агар ба таърих як назар афканем оиди пайдоиши Наврӯз андешаҳои гуногун ҷой дорад. Бархе аз муҳаққиқон тахмин мекунанд, ки Наврӯз 5000-сола аст. Наврӯз садҳо сол пеш аз оини зардуштӣ вуҷуд дошт. Хайём дар оғози "Наврӯзнома" доир ба ин ҷашн ва таърихи дури он маълумоте овардааст, ки ба дин ҳеҷ гуна муносибат надоштан ва ҷашни киштӯ кори деҳқонӣ будани онро таъин месозад.Ба гуфти Умари Хайём Наврӯз аз замони нахустин подшоҳи пешдодиён – Каюмарс омадааст.

Ҷашни Наврӯз дар замонҳои истиқлолияти Тоҷикистон, ки миллати тоҷик сарнавишти давлати худро ба дасти худ гирифт, шукуҳу ҷалоли худро аз нав пайдо кард. Барои мардуми тоҷик боиси ифтихор аст, ки Наврӯз ҳамчун нишонаи тамаддуни ҷаҳонӣ ҷашни умумимиллӣ эълон шуд.

Наврӯз ту барнову ҷавон омадай,
Дар мотами дай ҷилвакунон омадай.
Афсӯс хурем, ки фасли дай рафт зи мо,
Шодем аз ин ки ту чу ҷон омадай.

Наврӯз зеботарин, волотарин, гаронбаҳотарин, муқаддастарин ва бузургтарин шиносномаест, ки дар қалби ҳар як тоҷик инъикос ёфтааст.

Бигзор ҷашни ҷаҳонии Наврӯз тамоми мардуми Тоҷикистонро бо ҳам муттаҳид намуда, меҳру муҳаббат ва дӯстию рафоқати онҳоро пойдор гардонад.

**Саидов Табассум донишҷӯи соли 3-юми факултети ҳуқуқшиносӣ**

## Ба ёди Лоиқ

Ёдгори Айниву ин кӯҳсорон зинда бод!
Шеъри Турсунзодаву ин обшорон зинда бод!

## Зинда бод!

Фасли сардӣ бигзарад, ояд баҳори гулфишон,
Бо садои булбулону боду борон зинда бод!
Гарчи бо чашмам надидам Лоиқи ёри ғазал
Лоиқи ёди сухан дар байни ёрон зинда бод!
Дӯстдории Ватан-модар бароям суннат аст,
Дӯстдории Худо бар дӯстдорон зинда бод!
Модари ҷонам Ватан, ин кӯҳсорат фахри ман,
Ин ҳамӯшии садои кӯҳсорон зинда бод!
Чун баҳорон омадаст, хуш омадаст бар мулки мо
Ҷашни Наврӯзи аҷам дар Тоҷикистон зинда бод!

## Наврӯз

Бишунав, эй Ватани боғу биҳишт,
Бишунав, ҳамватани нексиришт.
Фасли Наврӯз ҳамеомадааст.
Марди деҳқон ба замин дона бикишт.

## Саломнома

Ассалом, эй одамони хоксор,
Ассалом, эй қаљаҳою кӯҳсор,
Ассалом, эй тоҷикони тоҷдор,
Бишнавед, гӯям, ки меояд баҳор!

Салом гӯям баҳори тозанакҳат,
Салом гӯям диёри ботароват.
Чу ҷашни мо ҷаҳонӣ гашта имрӯз,
Ки ободӣ шуморам беҳ зи сарват.

## Тоҷикдухтар

Даври гардунро салом, аз номи тоҷикдухтарон,
Ганҷи Қорунро салом, аз номи тоҷикдухтарон.
Рамзи Наврӯзи аҷам пироҳани атлас бувад,
Беди маҷнунро салом, аз номи тоҷикдухтарон,
Рамзи Наврӯзи аҷам афсонаи он сималак.
Оби Ҷайҳунро салом аз номи тоҷикдухтарон,
Як баҳори нав биомад боз бар мулки Аҷам,
Лаъли дилхунро салом аз номи тоҷикдухтарон.



**Содиқова Шаҳноза донишҷӯи соли 1-уми факултети ҳуқуқшиносӣ**

**Аз редаксия: Шаҳноза истеъдоди хуби шоирӣ дорад, агар кӯшиш кунад, ба ҷодаҳои баланд хоҳад расид. Ҳайати таҳририя омодааст, ки ҳар лаҳза ӯро дар иншои боз ҳам беҳтари шеър кӯмак ва дастгирӣ намояд.**

## Наврӯз – иди тоҷикон

Наврӯз – иди баҳор, зиндашавии табиат, соли нав ва яке аз қадимтарин иди анъанавии мардуми эронинажод, аз ҷумла тоҷикон мебошад, ки баъдтар дар байни дигар халқҳои ғайриэронӣ низ расм шудааст. Ин ид ба рӯзи авали солшумории шамсӣ 1 – уми ҳамал ё 21 – уми марти солшумории мелодӣ рост меояд. Наврӯз аз ду вожаи тоҷикӣ иборат мебошад, «нав» - (тоза, ҷадид) ва «рӯз». Наврӯзро дар баъзе ноҳияҳо «иди сари сол» низ ном мебаранд. Тақрибан зиёда аз се ҳазор қабл Наврӯз ҳамчун марбути кори деҳқонӣ пайдо шуда, минбаъд такмил ёфтааст. Таърихи Наврӯз бо эҳёи гардидани табиат дар баҳорон, ки пас аз замистон фаро мерасад, вобаста аст.

Бояд гуфт, ки замони пайдоиши Наврӯз ба дурустӣ маълум нест. Аммо, ин ҷашни қадимтарини мардуми форсу тоҷик мебошад, ки таърихи беш аз сеҳазорсола дорад ва кӯҳнатарин оини миллӣ дар ҷаҳон ба шумор меравад.

Абӯрайҳони Берунӣ донишманд ва олими қарни даҳум дар китоби машҳури худ «Осор – ул – боқия» аз забони Алӣ бинни Яҳё навиштааст, ки « Рӯзи Наврӯз ягона рӯзест, ки тағйирнопазир аст».

Агар ба сарчашмаҳои таърихӣ назар афканем, таърихи пайдоиши иди Наврӯз, дар баъзе аз асарҳои куҳан аз ҷумла «Шоҳнома» - и Ҳаким Фирдавсии Тусӣ, Таърихи Табарӣ, «Ат - тафҳим», «Осор – ул - боқия» - и Абӯрайҳони Берунӣ ва «Наврӯзнома» - и Умари Хайём, шоҳ Ҷамшед ё ин ки Каюмарс ба унвони поягузори Наврӯз муаррифӣ шудаанд. Падидаи наврӯз ин гуна ривоят карда шудааст, ки Ҷамшед дар ҳоли гузаштан аз Озарбойҷон, дастур дод, то дар он ҷо барои ӯ тахте бигзоранд ва худаш бо тоҷи заррин ба рӯи тахт биншаст. Бо расидани нури хуршед ба тоҷи заррини ӯ ҷаҳон нӯронӣ шуд, мардум шодмонӣ карданду он рӯзро Наврӯз номиданд. Дар «Шоҳнома» ин гуна омадааст:

Ба Ҷамшед бар гавҳар афшонданд,
Мар он рӯзро Рӯзи нав хонданд.

Мо низ ба пешвози Наврӯзи оламафрӯз чанд шеъри шогирдонаи худро тақдим мекунем.

## Наврӯз

Дар дашту чаман гулҳо,
Бишкуфта ҳама зебо.
Ман гул бичинам имрӯз,
Бахри модари дилсӯз.

Мавсими баҳор омад, вақти киштукор омад,
Бо файзу сафо омад, борони баҳор омад,
Овозаи Наврӯзам овези сияхгӯш аст.
Наврӯзи аҷамро бин, бо савти ҳазор омад

Куртаи чакан дар бар, дар рақс бубин духтар,
Гулҳои баҳор дар ӯ, дидӣ ту аз ин беҳтар?!.

Ҳамчу шамъ фурӯзон аст,
Мисли гул шукуфон аст.
Шодӣ бикунед дӯстон,
Фасли гулу райҳон аст.

**Давлатов Насимҷон донишҷӯи соли 1–уми факултети ҳуқуқшиносӣ**

ҲАР РӮЗАТОН НАВРӮЗ БОД!



НАВРӮЗАТОН ФИРӮЗ БОД!

**Минбари ҳуқуқшинос**

**Муассис:** факултети ҳуқуқшиносии ДМТ

Сармуҳаррир: **Саъдӣ Маҳдӣ** mail: saadi_mahdi@mail.ru

**Тарроҳ:** **Беҳзод Исомиддин**

**Ҳайати таҳририя:**

Насурдинов Э. С. дотсент декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
Идиев Ф.Ф. муовини декан оид ба илм; ҷон. сармуҳаррир;
Сафаров Б.А. дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
Камолов И. И. дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ;
Сулаймонов Ф. дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ;
Ҷаҳонгир С. ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ .

**Ҳайати мушовара:**

Саидов Н. С. Вазири маорифи ҶТ, профессор;
Давлатов Ҷ. М. мушовири давлатии Президенти ҶТ оид ба сиёсати ҳуқуқӣ;
Имомов М. С. ректори ДМТ, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ;
Тоҳиров Ф. Т .профессор, академики АИ ҶТ,
Маҳмудов М. А. профессор, академики АИ ҶТ, раиси Суди Конститутсионии ҶТ;
Асозода Х. профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форси тоҷикии факултети филологияи тоҷик;
Диноршоев М. профессор, академики АИ ҶТ.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 28-уми феврали соли 2013 ба қайд гирифта шудааст.

Нишонии идора: ш.Душанбе, Буни Ҳисорак, Шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. Телефон: 985-38-867, 988-98-31-98 Теъдод: 1000 нусха.